آوازتاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

16 августи соли 2025
Шанбе
№ 66 (15181)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

*Муносибат*

# КОДЕКСИ ОБ: ТАРТИБУ ИМТИЁЗҲОИ НАВ



**Имрӯз вазъи экологӣ дар ҷаҳон мураккаб аст. Офатҳои табиӣ ва хушксолӣ рӯ ба афзоиш доранд. Ин ҳолат дар соҳаи кишоварзӣ ҳам ислоҳотҳои илмӣ ва ҳам ҳуқуқиро талаб мекунад.**

Дар Ўзбекистон низ шумораи аҳолӣ афзоиш меёбад. Шохаҳои иқтисодиёт васеъ шуда истодаанд. Талабот ба об сол то сол меафзояд. Дар чунин вазъ ду зарурати бисёр муҳим ба миён омад: аввал, ҷорӣ кардани тартиботи нав дар истифодаи об; дуюм, сарфакорона истифода бурдани он.

Кодекси оби Ҷумҳурии Ўзбекистон маҳз бо назардошти чунин зарурат омода шудааст. Ин кодекс меъёрҳои Қонун «Дар бораи об ва истифодаи об», 8 фармон ва 14 қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, 26 қарори Ҳукуматро муттаҳид кард. Дар натиҷа, кодекси мукаммалу системавӣ таҳия гардид.

Вазифаҳои асосии Кодекси об таъмини устувори аҳолӣ, бахшҳои иқтисодиёт ва низомҳои экологӣ бо об, идоракунии оқилонаи захираҳои об бо дарназардошти тағйирёбии иқлим, ҳифзи об аз олудагӣ, ифлосшавӣ ва камшавӣ, пешгирии таъсири зараровари он, инкишофи механизмҳои иқтисодӣ дар соҳаи муносибатҳои вобаста ба об, аз ҷумла ҳамкории давлативу хусусӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҳамаи иштирокдорони ин муносибатҳо ва рушди ҳамкории байнидавлатӣ дар ин соҳа мебошанд.

Инчунин, бо дарназардошти хусусият ва мураккабии соҳа, барои таъмини кори мустақими кодекс ва дуруст шарҳ додани ҳар як меъёр, дар ҳуҷҷат 34 мафҳуми асосӣ муайян шуда, барои ҳар як истилоҳ таърифи алоҳида дода шудааст, ки ин барои мутахассисони соҳа қулайӣ фароҳам меорад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар кишвар айни ҳол 463 объекти хоҷагии об бо арзиши умумии 6,4 трлн сўм ба идораи бахши хусусӣ супурда шудаанд. Дар доираи ин лоиҳаҳо 110 млрд. сўм сармоягузорӣ карда шуда, тақрибан 90 агрегати насосӣ таҷдид гардидааст. Ин корҳо идома доранд ва боз 500 объекти хоҷагии об бо арзиши умумии 10 трлн. сўм ба идораи бахши хусусӣ супурда мешаванд.

Бо дарназардошти ин, дар Кодекс шартҳои ҷорӣ кардани механизмҳои ҳамкории давлативу хусусӣ дар соҳаи хоҷагии об нишон дода шудаанд. Асоси ҳуқуқии механизми супоридани объектҳои хоҷагии об ба бахши хусусӣ муайян гардида, мувофиқи он соҳибкорон метавонанд дар ҳудудҳои худ ҳамаи объектҳои обро мустақилона идора кунанд ва тавассути муосирсозии онҳо барои сарфаи об чораҳо андешанд.

Яке аз меъёрҳои муҳими дигаре, ки дар Кодекс зикр шудааст, ин аст, ки шартҳои гирифтани иҷозатнома барои истифодаи об содда гардонида шуд. Яъне, ҳангоми гирифтани об аз ҳавзаҳои сунъии об дар ҳолате, ки ҳаҷми об аз 5 метри мукааб дар як шабонарўз зиёд набошад, дигар зарурати гирифтани иҷозатнома вуҷуд надорад. Ин меъёр тартиби истифодаи обро барои тақрибан 110 ҳазор нафар, яъне зиёда аз 80 фоизи истифодабарандагони об сода мегардонад.

Илова бар ин, мафҳумҳои норасоии шадиди об ва хушксолӣ, инчунин механизмҳои нави тақсими оби обёришаванда байни истеъмолкунандагон муайян карда шуданд. Ҳоло, вақте ҳаҷми об аз 50 фоиз кам шавад, тартиботи нави авлавиятнок дар истифодаи об ҷорӣ мегардад ва барои ҳар як манбаи об лимитҳо ва барои ҳар як истеъмолкунанда квотаҳои гирифтани об муқаррар карда мешаванд. Дар ин ҳолат, истеъмолкунанда метавонад оби аз квотаи худ сарфакардашударо ба истеъмолкунандаи дигар бо шартнома диҳад ё фурўшад. Ин амал ҳуқуқи баробари ҳамаи истифодабарандагони обро таъмин намуда, онҳоро ба истифодаи самараноки об ҳидоят мекунад.

Дар Кодекс самтҳои авлавиятноки истифодаи об ҳамчун қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти оби нўшокӣ ва маишии хоҷагӣ, инчунин эҳтиёҷоти табобатии аҳолӣ, ҳадафҳои санитарӣ ва экологӣ, саноат, энергетика ва соҳаи хизматрасонӣ, кишоварзӣ, моҳипарварӣ, чорводорӣ, парандапарварӣ, қитъаҳои замини наздиҳавлигии шахсӣ (дар ин ҳолат майдонҳое, ки бо технологияҳои обёрии сарфакор таъмин шудаанд), муқаррар карда шудааст. Ҳамчунин, бо дарназардошти аҳамияти иҷтимоӣ ва зарурияти он, таъмини эҳтиёҷоти гидроэнергетика ба захираҳои об аз рўи авлавият бо таъмини эҳтиёҷоти кишоварзӣ баробар карда шудааст.

Аз ин самтҳои авлавиятнок дида мешавад, ки дар навбати аввал қонеъ гардондани эҳтиёҷоти ҳаётан муҳими инсон ба оби нўшокӣ ва ҷудо кардани об барои ҳифзи экосистема ба таври кафолатнок пешбинӣ шудааст. Ин бошад, бо тамоюлҳои «қадри инсон» дар кишвари мо ҳамоҳанг мебошад.

Ҳуҷҷат инчунин як қатор меъёрҳои муҳимеро дар самти такмили идоракунии об муқаррар намудааст. Аз ҷумла, ҳоло бо мақсади таъмин намудани шаффофият дар идоракунии захираҳои об ва қабули қарорҳо бо ҷалби намояндагони ҷонибҳои манфиатдор, шўроҳои об дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва ҳавзавӣ, ва дар ҳолатҳои зарурӣ дар сатҳи минтақавӣ, ҳамчун мақомҳои маслиҳатӣ-коллегиалӣ таъсис дода мешаванд.

Ба ҳайати Шўрои ҷумҳуриявӣ роҳбарони вазорату идораҳои ваколатдори соҳаи истифода ва ҳифзи захираҳои об дохил мешаванд. Ҳамзамон, ба ҳайати Шўрои ҷумҳуриявии об метавон намояндагони созмонҳои ғайридавлатӣ, баъзе коршиносон ва олимонро низ шомил кард. Шўро дар сатҳи байниидоравӣ масъалаҳои бо об таъмин кардани соҳаҳои иқтисодиётро ба таври фаврӣ ҳал мекунад.

Дар Кодекс минтақаҳои муҳофизати обҳои объектҳои обӣ ва соҳилҳо, инчунин минтақаҳои муҳофизати санитарии иншооти таъминоти оби нўшокӣ ва хоҷагию маишӣ дар шакли ҷадвали алоҳида оварда шудаанд. Ин ба он хидмат мекунад, ки намояндагони соҳаи хоҷагии об ва ҳам истифодабарандагони об ва объектҳои обӣ ҳангоми кор бо ҳуҷҷат меъёрҳоро дуруст тафсир намоянд.

Яке аз хусусиятҳои дигари ин ҳуҷҷат дар он аст, ки дар он боби алоҳида бо меъёрҳо барои ҳавасмандгардонии иқтисодии истифодаи оқилона аз об ва объектҳои обӣ ва ҳифзи онҳо пешбинӣ шудааст. Дар ҳуҷҷат нишон дода шудааст, ки дастгирии давлатӣ ба соҳаи хоҷагии об, сохтмони иншоот ва системаҳои нави обёрӣ, инчунин корҳои таҷдид ва таъмири онҳо аз ҳисоби ҷудо намудани захираҳои молиявӣ аз ҷониби давлат таъмин мегардад.

Дар Кодекс зикр шудааст, ки меъёрҳои асосии пардохт барои хидматрасониҳои таъминоти об ва дигар хидматрасониҳои соҳаи хоҷагии об бо мақсади ҳавасмандгардонии сарфаи об ва вобаста кардани тарифҳо ба ҳаҷми оби расондашуда, дараҷаи обнокии минтақаи гидрографӣ, фарқиятҳо дар хароҷоти таъминоти об барои истифодабарандагони об дар минтақаҳои гуногун ва баробар кардани тарифҳо барои истифодабарандагони об дар доираи як минтақа, бо дарназардошти самтҳои авлавиятноки сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат тасдиқ мегарданд. Ин бошад, кафолати ҳуқуқии таъмини адолати иҷтимоӣ ҳангоми истифодаи об дар кишвар буда, пеш бурдани ҳисоби оби расондашуда ва ҳавасмандгардонии сарфакорони обро таъмин менамояд.

**Равшан МАМУТОВ,**
**раиси Кумитаи масоили кишоварзӣ ва хоҷагии оби Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# РАВИШИ МУҲИМ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ ҚАДРИ ИНСОН

***Имрўз ислоҳоти фарогире, ки дар кишвари мо татбиқ мешаванд, ба рушди кишвар, фаровонии ҷомеа ва беҳбудии зиндагии шаҳрвандон нигаронда шудаанд. Тағйироти бесобиқа на танҳо дар навсозии низом, балки дар ташаккули муносибатҳои байни давлат ва ҷомеа низ муҳим аст. Дар ин раванд шаффофият дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ба назар гирифтани андешаи шаҳрвандон, ба роҳ мондани механизмҳои муколамаи доимӣ бо мардум ба яке аз вазифаҳои авлавиятнок табдил ёфтааст.***

Дар ин маврид саволи табиӣ ба миён меояд: То куҷо имрўз ба ниёзҳои воқеӣ ва ҳалли мушкилоти муҳими аҳолӣ таваҷҷуҳ зоҳир мегардад? Муносибати мақомоти давлатӣ ва шахсони масъул ба мурожиатҳои шаҳрвандон чӣ гуна аст?

Зикр кардан зарур аст, ки тамоюли Президенти мо «Ислоҳот — барои ислоҳот не, балки барои инсон» имрўз ба меъёри асосии қабули қарор дар сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Ин равиш ба баланд бардоштани арзиши инсон, беҳсозии сатҳи зиндагӣ ва фаровонии шаҳрвандон равона шудааст. Аммо табиист, ки ҳар як ислоҳот ҳангоми ба амал татбиқ шудан ба монеаҳо ва мушкилоти муайян рў ба рў мешавад.

Аз ҳамин нуқтаи назар, яке аз масъалаҳои муҳимтарини рўз — пайваста ва самарабахш ташкил кардани муколама бо мардум маҳсуб меёбад. Ҳамзамон баробари мавҷуд будани имконияти муроҷиат кардан, муҳим он аст, ки ба ин муроҷиатҳо чӣ гуна муносибат зоҳир мегардад ва аз ҳалли онҳо чӣ гуна натиҷа ба даст меояд — маҳз ҳамин ҷиҳатҳо бояд ба меъёри асосӣ табдил ёбанд.

Агар ба рақамҳо таваҷҷуҳ намоем, дар соли 2024 ба Қабулхонаҳои халқии Президенти кишвар беш аз 1 миллиону 200 ҳазор муроҷиат ворид шудааст, ки ин нишондиҳанда аз фаъол гардидани аҳолӣ, боло рафтани маърифати ҳуқуқӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ шаҳодат медиҳад. Вале ин рақам ҳамзамон метавонад далели ба даст наомадани самаранокии кофӣ дар низом бошад. Зеро, шаҳрванде, ки мушкилаш зуд ва ба осонӣ ҳал мегардад, дигар зарурати муроҷиати такрориро эҳсос намекунад. Пас, эътибори ҷиддӣ додан ба сабабҳои воқеии пушти муроҷиатҳо вазифаи муҳим аст.

Аксар ҳолатҳо шаҳрвандон кўшиш мекунанд, ки мушкили худро аввал дар сатҳи маҳаллӣ — тавассути маҳалла ва ҳокимияти ноҳия ҳал намоянд. Вале, дар ҳолатҳое, ки масъулони сатҳи маҳаллӣ роҳи ҳалли лозимаро пайдо намекунанд, муроҷиатҳо ба мақомоти марказӣ равона мешаванд. Ин бошад, дар баъзе мавридҳо, далели мавҷудияти монеаҳои бюрократӣ, сустӣ дар кори идорӣ ва бепарвоӣ нисбат ба манфиатҳои шаҳрвандон мебошад.

Дар айни замон фаъолияти ниҳодҳои гуногун барои қабул ва баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон тақвият дода шудааст: Қабулхонаҳои халқии Президент, қабулҳои сайёр, шунидани оммавӣ, платформаҳои электронӣ — ҳамаи ин ба беҳтар намудани муколамаи шаҳрвандон бо давлат равона шудаанд. Вале гуфта намешавад, ки ин ниҳодҳо дар тамоми минтақаҳо самаранок фаъолият доранд. Масалан, дар баъзе ноҳияҳо муколамаи роҳбарони сектор бо аҳолӣ ба таври низомманд ва ошкоро ба роҳ монда шудааст, вале дар дигар минтақаҳо ин раванд аз расмиятгароӣ фаротар нарафтааст.

Ҳангоми сухан рондан дар бораи муроҷиатҳо, яке аз ҷиҳатҳои муҳиму асосӣ — таҳлил ва ҷамъбаст намудани онҳо, бартараф ва пешгирӣ кардани камбудиҳои системавӣ мебошад. Зеро, зери ҳар як муроҷиат тақдири инсон ва боварии ў ба давлат қарор дорад.

Маҳз ҳаминро Президенти мо борҳо таъкид кардаанд, ки ба муроҷиатҳои шаҳрвандон бояд дуруст ва фаврӣ ҷавоб дода шавад. Ҳамеша ёдрас карда мешавад, ки шунидани мушкилоти мардум ва пайдо кардани роҳи ҳалли онҳо қарзи доимии ҳар як роҳбар ба ҳисоб меравад.

Аз ин рў, мо — вакилон, бо интихобкунандагони худ ҳамеша дар мулоқот буда, мушкилот ва пешниҳодҳои онҳоро муайян намуда, ба идораҳои давлатӣ роҳи ҳалли самарабахш пешниҳод созем.

Бинобар ин, меъёри асосии муколама — ҳалли пурра ва саривақтии мушкилоти шаҳрванд аст. Ин на дар рақамҳо, балки дар ҳаёт таҷассум меёбад. Масалан, агар як ҷавони бекор бо ҷойи кор таъмин шавад, барои донишҷў механизмҳои сабуккунии пардохти шартнома амал кунад, барои шахси дорои маъюбият шароити муносиб фароҳам оварда шавад — ана дар ҳамин ҳолат гуфта метавонем, ки муносибати давлат бо шаҳрвандон дуруст ба роҳ монда шудааст.

Шунидани овози мардум — ин танҳо қабул кардани муроҷиат нест, балки низоми фаҳмидан, таҳлил кардан, пешниҳоди роҳи ҳал ва татбиқи ба роҳ мондани он аст.

Мақомоти давлатӣ на танҳо бояд самарабахш фаъолият намоянд, балки дард ва мушкилоти мардумро ҳамчун дарди худ эҳсос кунанд. Зеро, пояи ислоҳоти муассир ва рушди устувор — танҳо дар заминаи ҳамин гуна муносибати инсонгароёна мустаҳкам мегардад.

**Назира МУХТОРОВА,**
**раиси Кумитаи масъалаҳои меҳнат, нигаҳдории тандурустӣ ва иҷтимоии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

*Ба ифтихори 34-солагии истиқлолият*

# ДАР СУРХОНДАРЁ ИСТЕҲСОЛИ МОШИНҲОИ БОРКАШИ САБУК ОҒОЗ ГАРДИД

***Дар ин рўзҳое, ки дар кишвари мо барои ҷашни густурдаи 34-солагии истиқлолият омодагии гарм дида мешавад, дар ноҳияи Деҳнави вилояти Сурхондарё корхонаи «HUMO NEW ENERGY» ба истеҳсоли мошини замонавии боркаши сабук оғоз намуд.***

Ба ин муносибат маросими тантанавӣ баргузор гардид, ки дар он намояндагони ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ҳамчунин кормандони воситаҳои ахбори омма иштирок карданд.

(Давомаш дар саҳ.2).



*Ўзбекистон ва ҷаҳон*

# ҲАМКОРӢ БО ДЕВАШТИЧ

***Аъзои ҳайати тоҷикистонӣ таҳти роҳбарии раиси ноҳияи Деваштичи вилояти Суғд Ашўралӣ Ҷалилзода бо сафари корӣ ба вилояти Наманган омаданд. Сафар аз ноҳияи Тўрақўрғон сар шуд. Дар ҷараёни боздид меҳмонон бо иқтидори саноатӣ, имкониятҳои истеҳсолӣ ва соҳибкорӣ аз наздик шинос шуданд.***

Аъзои ҳайат аз фаъолияти корхонаҳое, ки дар ҳудудҳои минтақаҳои хурди саноатӣ ҷойгир шудааст, дидан карданд. Хусусан, меҳмонон дар истироҳатгоҳи «Фаввора», ки дар ноҳияи Тўрақўрғон воқеъ аст, бо шароиту имкониятҳои фароҳамовардашуда шинос шуданд. «Ифтихор кийим саноат » яке аз калонтарин корхонае ба шумор меравад, ки ба меҳмонон таассуроти бой гузошт. Корхона бо таҷҳизоти замонавии дўзандагӣ, маҳсулот ва ашёи хоми маҳаллӣ пурра таъмин шудааст, аз тарафи меҳмонон истеҳсол ва иқтидори содироти он эътироф карда шуд.

Дар ҷараёни боздид равандҳои истеҳсолӣ дар корхонаи «Саодат саноат сервис» низ намоиш дода шуданд.

Меҳмонон бо истеҳсоли маҳсулоти қуттӣ ва расонидани он ба истеҳсолкунандагони маҳаллӣ, ки дар корхонаи «Paper box» тайёр карда мешавад, шинос шуданд.

Ҳайат инчунин дар корхонаи «Фазман текстил» шуда, ба рафти истеҳсоли маҳсулоти дўзандагӣ, ки ба стандартҳои аврупоӣ ҷавоб медиҳад, баҳои баланд гузоштанд. Маҳсулоти корхонаи мазкур на танҳо дар бозори дохилӣ, балки дар бозори хориҷӣ низ харидоргир аст.

Корхонаи «Наммоторс сервис» ба истеҳсоли насосҳои обӣ ва двигателҳои электрикӣ махсус гардонда шудааст, ки ин хатҳои технологӣ дар байни меҳмонон шавқу ҳаваси калон пайдо кардаанд.

Дар нимаи дуюми рўз боздид аз минтақаи хурди саноатии «Қумтеппа»- и ноҳияи Уйчӣ идома ёфт. Дар ин ҷо онҳо бо рафти тайёр кардани дарвоза ва коркарди металл шинос шуданд.

Аъзои ҳайат инчунин дар бораи фаъолияти ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Қумтеппа», ислоҳоти иқтисодӣ дар маҳалла, кор бо аҳолӣ маълумот гирифтанд.

Меҳмонон инчунин дар ноҳияи Поп, дар корхонаҳои «Nuran. UZ» , «Next solar energy«, дар ноҳияи Туракўрғон « Cold fresh fruits», дар корхонаҳое, ки дар ноҳияи Чуст ҷойгир шудааст – « Chust textil», « Chust concord«, «Lifetime stones» ва дар заводи металлургия шуданд.

Дар доираи сафар як қатор пешниҳоду нақшаҳо баррасӣ шуданд, ки ба муносибатҳои минбаъдаи иқтисодӣ, дар соҳаи саноат ба роҳ мондани ҳамкориҳои амалӣ, истеҳсолот ва сармоягузорӣ нигаронида шудаанд.

Ҳокими вилоят Шавкатҷон Абдураззоқов меҳмонони тоҷикистониро, ки дар минтақа бо ҳаёт ва фаъолияти аҳолӣ ва рафти корҳои соҳаҳои саноат шинос шуда буданд, қабул кард.

Ашўралӣ Ҷалилзода иқтидори саноатии Намангонро эътироф намуда, қайд кард, ки бо имкониятҳои истеҳсолӣ ва соҳаи соҳибкорӣ аз наздик шинос шуда, дар оянда дар ин самт ҳамкориҳои қавӣ ба роҳ мемонанд.

Дар рафти суҳбат қайд гардид, ки муносибатҳои дўстонаи сарони ду давлат имкони ба сатҳи нав баровардани ҳамкориҳоро фароҳам меоранд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Наманган.**

# ИҚДОМИ НЕКИ СОЗМОНИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

***Рўзҳои охир назди бинои шуъбаи байторӣ ва чорводории шаҳри Самарқанд воқеъ дар кўчаи Лоҳутӣ ниҳоят серодам шуд. Мардум аз субҳи солеҳон бо сагу гурбаҳои худ омада навбат мегирифтанд, то ҳайвоноти хонагии худро ройгон аз назорати байтор гузаронида, бар илова бар зидди ҳар гуна бемориҳо сўзандору намоянд. Боиси хушнудист, ки чунин иқдоми неку хайр бори нахуст дар Самарқанд бо кумаку ёрии беғаразонаи Бунёди Созмони байналхалқии Бриҷит Бардо (Фаронса) ҷараён гирифт.***

– Хеле хурсандиовар аст, ки дар Самарқанд чунин тадбири нек амалӣ гардид, – гуфт ҳокими шаҳр Фазлиддин Умаров. – Иқдом барои ҳаллу фасли мушкилоти вобаста ба ҳайвоноти оворагард ва беҳтару бехатар намудани зиндагии мардуми шаҳр хидмат хоҳад кард. Воқеан, эмкунӣ барои байторҳои самарқандӣ мактаби хуби таҷрибаомўзист. Зеро, дар ин кори неку хайр аз Русия, Олмон, Булғория, Италия, Қирғизистон ва дигар кишварҳои ҷаҳон мутахассисони баландихтисос ба шаҳри Самарқанд ташриф овардаанд.

– Дар шаҳри Самарқанд беш аз ҳафт ҳазор ҳайвоноти хонагӣ ба рўйхат гирифта шудааст, – мегўяд сардори садорати идораи байторӣ ва чорводории Самарқанд Алишер Олимов. – Қариб ҳамаи онҳо бар зидди бемории ҳорӣ (девонагӣ) эм шудаанд, вале афсўс, ки бобати умуман чӣ қадар сагу гурба дар ҳимояти мардум ҳаст, маълумоти кофӣ надорем. Зеро на ҳама ҳайвоноти хонагии худро аз қайди идораи байторӣ гузаронидаанд. Болои сўхта намакоб – баъди вайрон кардани хона ва ҳавлиҳои ғайриқонунӣ шумораи ҳайвоноти оворагард меафзояд.

Бояд қайд кард, ки аз моҳи августи соли 2026 тамоми ҳайвоноти хонагӣ аз қайди идораи байторӣ гузаронида мешаванд.

Мутахассисони баландихтисоси хориҷӣ ба соҳибони ҳайвоноти хонагӣ маслиҳату машваратҳои муфид ҳам медиҳанд.

Як ҷиҳати хуби эмкунӣ аз он иборат аст, ки ба ҳайвоноти хонагӣ шиносномa дода мешавад.

– Ба ташкилотчиёни ин иқдоми хайр як олам ташаккур, – мегўяд шаҳрванд Светлана Крюкова, ки сагу гурбаи худро сўзандору кунонидааст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
*САМАРҚАНД.*

# ДАР СУРХОНДАРЁ ИСТЕҲСОЛИ МОШИНҲОИ БОРКАШИ САБУК ОҒОЗ ГАРДИД

(Аввалаш дар саҳ.1).



Бо ташаббуси Президенти кишварамон дар Ӯзбекистони Нав ба рушди босуръати ҳамаи соҳаҳои саноат, аз ҷумла саноати муосири автомобилсозӣ, диққати махсус дода шуда, ин соҳа ба «нуқтаи рушди» муҳими иқтисодиёт табдил дода мешавад. Ҳоло маҳсулоте, ки бо тамғаи «Made in Uzbekistan» истеҳсол мешаванд, на танҳо дар бозори дохилӣ, балки дар бозорҳои байналмилалӣ низ бо рақобатпазирӣ ва сифати худ талаботи зиёд доранд.

Дар ин ҷараён, корхонаҳои минтақаҳо ва ғояю пешниҳодҳои пешқадам ҳамаҷониба дастгирӣ ёфта, барои фаъолияти устувори онҳо тамоми имкониятҳо фароҳам оварда мешаванд, ки ин ба афзоиши ҳаҷми истеҳсол мусоидат менамояд.

Корхонаи нав, ки бо кумаки ҳокимияти вилояти Сурхондарё ва Иттиҳоди «Ӯзэлтехсаноат» дар ноҳияи Деҳнав бунёд ёфтааст, намунаи равшани ин раванд мебошад.

Лоиҳаи бузурги корхонаи «HUMO NEW ENERGY»-и ноҳия, ки арзишаш 30 миллион доллар аст, имконият дорад, дар як сол то 5 ҳазор дона мошини муосири боркаши сабук истеҳсол намояд. Дар доираи ин лоиҳаи умедбахш дар оянда истеҳсоли воситаҳои нақлиёти арзон, босифат ва қулайи боркаши сабук, ки бо неруи барқ ҳаракат мекунанд, низ пешбинӣ шудааст. Як ҷиҳати дигари ҷолиби ин лоиҳа он аст, ки аксари қисмҳои эҳтиётии зарурӣ барои истеҳсол маҳз дар ҳамин ҷо, дар дохили кишвар, истеҳсол мешаванд. Ин иқдом ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти тайёри ивазкунандаи воридотро чанд маротиба зиёд карда, барои таъмин намудани бозори дохилӣ бо моделҳои арзон, босифат ва қулайи воситаҳои нақлиёт аҳамияти муҳим дорад.

Дар айни ҳол, дар корхонае, ки 150 ҷойи корӣ офаридааст, аксари ҷавонони коргар хатмкунандагони муассисаҳои таълими касбӣ буда, дорои дониш ва малакаҳои кофӣ дар соҳа мебошанд. Ба гуфти мутахассисон, мошинҳои сабуки боркаше, ки дар корхонаи нав истеҳсол мешаванд, ҳам дар байни аҳолии маҳаллӣ ва ҳам дар хориҷ талаботи баланд доранд. Пас аз ба таври пурра ба кор андохтани корхона, қисми асосии маҳсулот ба хориҷи кишвар содир хоҳад шуд. Ҳамчунин, дар марҳилаи дуюм, соҳаи истеҳсол густариш ёфта, истеҳсоли мошинҳои боркаши сабуке, ки бо неруи барқ ҳаракат мекунанд, низ ба роҳ монда мешавад.

Иштирокчиёни чорабинӣ аз наздик бо раванди кор ва шароити фароҳамгардидаи корхонаи нав шинос шуданд.

– Ноҳияи мо аз қадим яке аз ҳудудҳои савдо ва хидматрасониаш рушдкардаи вилоят аст, – мегӯяд собиқадори меҳнат Яздон Худойқулов. – Аммо то имрӯз саноат дар сатҳи хеле паст қарор дошт. Солҳои охир дар минтақа тағйироти калон ба амал омада, саноати муосир рӯ ба рушд ниҳод. Масалан, истеҳсоли мошини боркаши сабук дар Деҳнав барои мо як навоварии ғайриинтизор буд. Дар оянда дар ҷо истеҳсоли мошинҳои барқӣ низ ба роҳ монда мешавад. Ҳамчунин, фаъолияти садҳо ҷавонон дар минтақаи саноатии ҳамсоя нишонаи равшани таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба рушди саноат дар ноҳия мебошад. Барои ҳамаи ин мо ба роҳбари давлати худ изҳори сипоси бепоён мекунем.

Дар чорабинӣ ҳокими вилояти Сурхондарё Улуғбек Қосимов иштирок намуд.

**Холмуъмин МАМАТРАЙИМОВ,**
**мухбири ӮзА.**
***Суратҳои ӮзА.***

***Ин форум 14-15 август таҳти унвони «Осиёи Марказӣ – фазои ягонаи боварӣ, амният ва рушди устувор» баргузор гардид. Чорабинии мазкур бо ташаббуси Институти тадқиқоти стратегӣ ва байниминтақавии назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дар ҳамкорӣ бо Маркази минтақавии дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ, Намояндагиҳои Иттиҳоди Аврупо, Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо ва Бунёди Конрад Аденауэр ташкил карда шуд ва зиёда аз 20 коршиноси марказҳои таҳлилиро аз 14 кишвар гирдиҳам овард.***

# ТОШКАНД ФОРУМИ VIII КОРШИНОСОНИ ОСИЁИ МАРКАЗИРО БАРГУЗОР КАРД

Ҳадаф аз баргузории форум баррасии дурнамои тавсеаи ҳамкориҳои минтақавӣ ва муайян намудани тадбирҳои мушаххаси рушди ҳамкориҳои гуногунҷанба мебошад. Он дар остонаи Ҷаласаи машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар ғанӣ гардонидани рӯзномаи платформаи сатҳи олӣ нақши муҳим мебозад.

Ба гуфтаи директори Институти тадқиқоти стратегӣ ва байниминтақавии назди Президенти Ӯзбекистон Элдор Арипов формати воҳӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ аз майдони муколама ба платформаи пурмаҳсул барои таҳияи қарорҳои рушди минбаъдаи ҳамкорӣ табдил ёфтааст. Он самтҳои асосии сиёсати минтақавиро муайян намуда, онро аз ҷиҳати мазмун бой мегардонад.

– Президент Шавкат Мирзиёев меъмори ҳамкориҳои минтақавӣ ва Ӯзбекистон неруи пешбарандаи тамоми равандҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Сиёсати минтақавии Тошканд на танҳо барои беҳбуди куллии равобит бо кишварҳои ҳамсоя шароит фароҳам овардааст, балки барои ҳамгироии минбаъдаи Осиёи Марказӣ дар шакли нав роҳи васеъ кушодааст. Ин аст, ки таҳдиду хатарҳои бавуҷудомада мустақилона бартараф гардида, фаъолияти иқтисодию сармоягузорӣ беш аз пеш тавсеа меёбад, – гуфт Элдор Арипов.

Ташаббусҳое, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ дар СММ якҷоя пешбарӣ мекунанд, далели афзояндаи сатҳи субъективии минтақа мебошанд. Аз соли 1991 то соли 2016 дар СММ бо ташаббуси кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳудуди 20 қарор ва аз соли 2016 инҷониб 26 санад қабул шудааст. Сиёсати хориҷии ҳамоҳангшуда дар асоси принсипи нигоҳ доштани тавозуни байни марказҳои гуногуни қудратӣ имкон медиҳад, ки бархӯрди мустақими манофеъи қувваҳо дар берун аз минтақа пешгирӣ карда, онҳо ба самтҳои мусбӣ муттаҳид шаванд.

Коршиносон дар форум таъкид карданд, ки имрӯз кишварҳои Осиёи Марказӣ бо такя ба таҷрибаи қаблӣ ба марҳилаи муҳими рушди худ – марҳилаи таҳкими сифатан нави ҳамкориҳо расидаанд. Омилҳои таърихӣ, иқтисодӣ ва геополитикии наздикшавии кишварҳои минтақа ба як тамоюли устувор табдил ёфтааст.

Дар шароити таҷдиди занҷирҳои таъминоти тиҷоратӣ ва нақлиётию логистикӣ ва ҷустуҷӯи бозорҳои нав кишварҳои Осиёи Марказӣ имкони стратегӣ доранд, ки ба як пайвандгари васлкунандаи бозорҳои азими самтҳои Шарқ-Ғарб ва Шимолу Ҷануб табдил ёфта, ба низоми ҷаҳонии нақлиёт шомил шаванд. Аз ин лиҳоз, ҳамгироии минтақавӣ яке аз василаҳои асосии рафъи маҳдудиятҳои ҷуғрофии хоси кишварҳои Осиёи Марказӣ ва густариши иштироки онҳо дар тиҷорати байналмилалӣ маҳсуб мешавад. Ҳамин тариқ, сатҳи баланди ҳамгироии сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ, зарурати ҳамкориҳои минтақавӣ дар шароити бӯҳрони ҷаҳонӣ муайян кардани моҳият ва шакли минтақасозииояндаро ногузир мегардонад.

Ба гуфтаи иштирокчиёни форум ҳоло дар Осиёи Марказӣ Ҳалқаи ягонаи энергетикӣ фаъолият ва рушд дорад. Рушди фазои ягонаи энергетикӣ дар Осиёи Марказӣ як авлавияти стратегӣ мебошад, зеро кишварҳои минтақа дорои захираҳои бузурги энергетикӣ мебошанд, ки метавонанд ба таври муассир ҳамдигарро пурра кунанд. Ҳалқаи ягонаи энергетикӣ имкон медиҳад, ки на танҳо эҳтиёҷоти кишварҳоро қонеъ гардонад, балки барои содироти неруи барқ ба Осиёи Ҷанубӣ ва Аврупо ноил шавад.

Ба андешаи коршиносон, кори муназзам, инчунин дар як қатор самтҳои муҳим амалҳои мувофиқашуда, мақсаднок ва амалӣ ногузир аст. Яъне барқарор намудани муносибатҳои неки ҳамсоядорӣ, пурра ошкор намудани иқтидори минтақа ва, умуман, таъмини суботи минтақа, амиқтар кардани робитаҳои иқтисодӣ ва амсоли он.

Бино ба ин таҳлил дар солҳои 90-уми асри гузашта, ки ҳамкориҳои минтақавӣ фаъолона рушд мекард, Осиёи Марказӣ аз бӯҳрони геополитикӣ ва геоиқтисодӣ камтар осеб дидааст. Аз ин рӯ, маҳдуд шудани ҳамкориҳои мутақобила таҳдиду хатарро ба амнияти минтақавӣ афзоиш дода, эҳтимоли сар задани низоъҳоро зиёд намуда, рушди иқтисодиро заиф карда, имкони пешбурди манфиатҳоро дар арсаи ҷаҳонӣ коҳиш додааст. Ба гуфтаи коршиносон, имрӯз давлатҳо ба ин натиҷа расидаанд, ки ҷудонигаҳдорӣ нисбат ба минтақа имконотҳои мавҷударо маҳдуд карда, боиси ақибнишинӣ мешавад, дар ҳоле ки ҳамкориҳои минтақавӣ ҳамчун василаи муассири пешбурди манофеи миллии кишварҳо барои тамоми Осиёи Марказӣ вазъи бурднок ба вуҷуд меорад.

Коршиноси Маркази илмии тадқиқоти стратегии Институти робитаҳои байналмилалии Вазорати корҳои хориҷии Туркманистон Бекдурдӣ Амонсариев ба он нукта таваҷҷуҳи иштирокчиёнро ҷалб намуд, ки ҳар як халқи масқуни Осиёи Марказӣ дар рушду нумӯъи фарҳангу тамаддун нақш бозида меояд.

– Мо баъзан бо он машғул мешавем, ки кадом забон аввал пайдо шудааст ва кадом калимаҳо моли кадом забон аст. Ин дар ҳолест, ки дар шароити кунунӣ рӯзмарра забонҳоямон ривоҷ меёбанд, ба он истилоҳҳои наву тоза ворид мешаванд. Дар бобати ҳуввият мо бояд хеле мӯшикофона муносибат кунем, – гуфт Бекдурдӣ Амонсариев.

Дар доираи форум, ки ду рӯз давом кард, конфронси илмӣ-амалӣ ва мизи мудоввар оид ба ташаккули ҳувияти минтақавӣ баргузор гардид. Дар ҳарду он нукта таъкид шуд, ки ташаккули ҳувияти минтақавӣ дар таҳкими ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ бояд нақши муҳим бозад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# «МАРКАЗИ РУШДИ БАРВАҚТ» ДАР ҒИЖДУВОН

***Бо мақсади созмон додани «Маркази рушди барвақт» биноӣ холимондаи мактаби таҳсилоти умумии рақами 66-уми ноҳияи Ғиждувон интихоб гардид. Ба ивази 400 миллион сӯм қарзи имтиёзнок бино табъи дил таъмир ёфта, барои хурдсолон дарсхона, майдончаҳои бозӣ сохта, бо воситаҳои таълимию услубӣ муҷаҳҳаз гардонда шуданд.***

Мақсад аз ташкил намудани ин марказ ба муассисаи таълими томактабӣ ройгон ҷалб кардани фарзандони оилаҳои ниёзманди ҳифзи иҷтимоӣ ва ба ҳаётиояндаи онҳо пойдевори мустаҳкам гузоштан аст.

Ба марказ 240 нафар кӯдакон ҷалб гардида, ҷараёни таълим дар ду баст, 4 соатӣ баргузор мегардад. Инчунин бо роҳи таълими фарди дар оила бо бачагони имкониятташон маҳдуд кор бурдан низ дар назар дошта шудааст.

Ин ташаббус на танҳо боиси илмомӯзии наврасон мегардад, балки аз пойдории меҳру оқибат дар ҷомеа гувоҳӣ медиҳад.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

### Муносибат

***Чуноне ки медонем, сарзамини мо аз қадим дар маркази Роҳи бузурги абрешим ҷойгир буда, дар давоми асрҳои IX-XVI корвонҳои пайдарпай Шарқу Ғарбро бо ҳам мепайваст, ки тавассути корвонҳо на танҳо молҳои тиҷоратӣ, балки фикру ақида, донишу фарҳангҳои гуногун низ мубодила мешуданд. Ин дар навбати худ ба рушди босуръати шаҳрҳои Самарқанду Бухорову Хива, ки қад-қади роҳи корвон ҷойгир будаанд, ҳиссаи беандозаи худро гузошт.***

# ДАСТРАСӢ БА БАҲР: ДАР РОҲИ БАРТАРАФ КАРДАНИ МОНЕАҲО

Аҳамияти байналхалқии Роҳи бузурги абрешим тақрибан аз асри XVI сар карда, ба таври назаррас коҳиш ёфт. Ҳаракати корвонҳо аз сабаби душвории сафарҳои дуру дароз, ҳуҷуми дастаҳои роҳзан, ҷангҳои хунини шоҳону сулолаҳо хеле душвор гашт, ки онҳо маҷбур шуданд роҳҳои муқобили кашондани борро ҷустуҷӯ кунанд. Дар ниҳояти кор бошад, роҳҳо ба сӯйи баҳр кушода мешуд.

Хатсайрҳои баҳрӣ дар ҳамлу нақли байналмилалӣ аз хатсайрҳои ҳавоӣ ва хушкӣ бо қулай ва арзон будани худ фарқ мекунанд. Аз ин сабаб, кишварҳое, ки ба баҳр дастрасӣ доранд, нисбат ба кишварҳои бидуни чунин имконият ҷиҳатҳои бартарии худро доранд, ки чунин бартариятҳо махсусан дар соҳаи савдо ва иқтисодиёт равшан мушоҳида карда мешавад. Арзиши боркашонӣ бо роҳи баҳр нисбат бо роҳи хушкӣ ё ҳавоӣ чанд баробар арзонтар аст. Масалан, борҳои контейнериро бо нархи хеле арзон ба масофаи ҳазорҳо километр расондан мумкин аст. Илова бар ин, чунин кишварҳо имкон доранд, маҳсулоти худро мустақиман тавассути бандарҳои баҳрӣ содир кунанд, ки ин тобеиятро ба кишварҳои транзитӣ коҳиш медиҳад.

Тибқи маълумоти СММ ва Бонки ҷаҳонӣ, маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварҳое, ки ба баҳр дастрасӣ доранд (соҳилӣ) нисбат ба давлатҳое, ки чунин имконият надоранд, каме баландтар аст. Масалан, тибқи гузоришҳои СММ ва UNCTAD дар соли ҷорӣ хароҷоти нақлиётии кишварҳое, ки имкони баромадан ба баҳрро надоранд, нисбат ба кишварҳои соҳилӣ тақрибан 1,5 маротиба зиёдтар аст, ки ин рақобатпазирии иқтисодии онҳоро коҳиш медиҳад. Инчунин, сатҳи Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварҳое, ки имкони ба баҳр баромаданро надоранд, бинобар таъсири хароҷоти нақлиёт ва тарифҳо нисбат ба кишварҳои соҳилӣ тақрибан 20% камтар аст.

Имрӯз дар ҷаҳон 32 кишваре мавҷуд аст, ки ба баҳр роҳи мустақим надоранд ва 7% аҳолии ҷаҳон, яъне беш аз 500 миллион нафар дар чунин мамлакатҳо зиндагӣ мекунанд ва Ӯзбекистон аз ҷумлаи чунин кишварҳо ба шумор меравад. Ғайр аз ин, Ӯзбекистон аз ҷумлаи давлатҳои камшуморе мебошад, ки барои расидан ба баҳр бояд ҳадди ақалл ҳудуди ду кишварро убур кунад. Албатта сарзамини мо дорои сарватҳои зеризаминию рӯизаминии зиёд аст, аммо набудани роҳи бевосита ба баҳр ба тараққиёти иқтисодии мамлакати мо таъсири манфии худро мерасонад. Бахусус, дар шароите, ки сатҳи истеҳсолот торафт вусъат меёбад, барои ба бозорҳои хориҷӣ баровардани маҳсулоти миллӣ хароҷоти иловагии нақлиётию логистикӣ талаб карда мешавад. Ин, дар навбати худ, ба рақобатпазирии маҳсулоти мо дар бозори ҷаҳон таъсири манфӣ мерасонад.

Конфронси байналхалқие, ки ҳафтаи гузашта таҳти сарпарастии СММ дар шаҳри Авазаи Туркманистон баргузор гардид, ба мушкилоти таъхирнопазири кишварҳое, ки роҳи ба баҳр баромаданро надоранд ва роҳҳои ҳалли ин мушкилот бахшида шуд. Чунин нишасти байналхалқӣ дар даҳ сол як маротиба баргузор гардида, ҳоло бори сеюм аст, ки рӯйи кор меояд. Дар конфронси Аваза масъалаҳои вобаста ба рушди устувори чунин 32 кишвари ҷаҳон, бахусус, масъалаҳои рақамисозӣ, иқтисодиёти «сабз», логистика ва тағйирёбии иқлим баррасӣ шуданд.

Дар конфронс роҳбари давлатамон низ иштирок намуда, таъкид кард, ки солҳои охир дар Ӯзбекистон ҷиҳати ташаккул додани шабакаҳои ҳозиразамони нақлиётиву логистикӣ бо ҷалби фаъоли сектори хусусӣ қадамҳои устувор гузошта мешавад. Аз ин ҷиҳат барои кишварҳое, ки ба баҳр дастрасӣ надоранд як қатор лоиҳа ва ташаббусҳоеро дар асоси мувофиқаи тарафайн бояд ба амал татбиқ намуд, ки имконоти баробар баромадан ба бозорҳои ҷаҳонро дошта бошанд, яъне дастёбӣ ба бозорҳои ҷаҳон бояд барои ҳама яксон бошад. Аз ин ҷиҳат аҳамияти ба ҳам пайваст намудани лоиҳаҳои роҳи оҳани «Чин – Қирғизистон – Ӯзбекистон» ва «Ӯзбекистон – Афғонистон – Покистон», истифодаи пурра аз имкониятҳои «Роҳи миёна» ва ҷорӣ намудани тарифҳои оқилона ҷиҳати ҳамлу нақли контейнерҳо аҳамияти калон дорад. Ин нафақат зарурияти иқтисодӣ аст. Он пеш аз ҳама, шарти муҳими рушди устувор, эътимод ва ҳамкорӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ мебошад.

Роҳбари давлат бо назардошти мавқеъ ва манфиатҳои миллии Ӯзбекистон, ки аз бандарҳои наздиктарини баҳрӣ дар масофаи қариб 3 ҳазор километр ҷойгир аст, як қатор пешниҳоду ташаббусҳои муҳимро ба миён гузошт.

Зарурати амалҳои мутобиқ оид ба рушди босуръати долонҳои нақлиётии байналхалқӣ ва инфрасохтор, бо сарпарастии СММ таҳия намудани созишномаи глобалӣ оид ба кафолатҳои транзитӣ барои кишварҳое, ки роҳи ба баҳр баромадро надоранд, таъсиси маркази инноватсионӣ барои рушди соҳаи агросаноатӣ, ҷалби фаъоли коршиносони варзида дар таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба рафъи муштараки таҳдидҳои умумӣ аз ин ҷумла мебошанд.

Албатта, татбиқи чунин пешниҳоду ташаббусҳо бешубҳа на танҳо барои Ӯзбекистон, балки барои ҳамаи 32 кишвари дунё судманд буда, ба рушди нумӯи онҳо таъсири мусбат мерасонад. Аз ин ҷиҳат, сафари Президент ба Туркманистон, инчунин суханронӣ ва пешниҳодҳои ӯ дар конфронси бонуфузи байналхалқӣ як қадами муҳими дипломатӣ гардид, ки дурнамои ҳамкориҳоро дар сатҳи васеи минтақавӣ ва байналмилалӣ муайян менамояд.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ҶАВОНОНИ ҚАРОҚАЛПОҚ ДАР АНДИҶОН



*Шиносоӣ бо фаъолияти соҳибкорон ва суҳбат бо онҳо ба ҷавонони чимбоӣ барои азхуд кардани ҳунарҳои шавқманд ва амалӣ намудани ғояҳои баланди соҳибкорӣ ҳавасмандии бузург бахшид.*

*Бо ҳамкории Оҷонсии кор бо ҷавонон, Саридораи палатаи савдову саноати вилоят ва Бунёди «Ҷавонон —ояндаи мо» барои ҷавонони қароқалпоқистонӣ ба ҷойҳои ҷолиби Андиҷон саёҳатҳо ташкил карда шуд.*

***Суратгир: З.УМУРЗОҚОВ. (ӮзА).***



*Як гурӯҳ ҷавонони ноҳияи Чимбойи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ки мехоҳанд касбу ҳунар омӯхта, фаъолияти соҳибкории худро ба роҳ монанд, барои азхуд намудани донишу малакаи зарурӣ ба Андиҷон ташриф оварданд. Онҳоро дар истгоҳи роҳи оҳани Андиҷон бо тантана пешвоз гирифтанд.*

*Меҳмонон бо фаъолияти «Кластери мебели Андиҷон», маркази логистикии «Гулҳои Олтинкӯл» ва «Digital Hub», кластери заргарии шаҳри Андиҷон, корҳои мебелсозӣ дар маҳаллаи Иҷтимоияти ноҳияи Олтинкӯл ва корҳои ибратбахше, ки аз ҷониби ҷавонони андиҷонӣ амалӣ мегардад, шинос шуданд.*

*Ба ҷои табрик*

# ДИЛИ ДАР ДУНЁИ БАЧАГӢ ҶАВОН

Шоир, мутарҷим ва рӯзноманигори хушсалиқа Нуруллоҳ Остон синни муборaки ҳафтодро пур кард. Бештар аз ним аср инҷониб вай дар майдони эҷод. Чи дар назм ва чи наср табъ озмуда, то андозае муваффақ шудааст. Вале асосан шоири кӯдакон аст.

Назар ба калонсолон дар ин бахш бо кӯдакон сару кор доштан, ҳамзабон шудану ба дилашон роҳ ёфтан, завқашонро бедор сохтан душвортар аст, ки ин ба аксарият алоқамандони соҳа маълум. Нисбатан камшумории адибоне, ки барои бачаҳо менависанд, шояд ҳамин.

Зодаи Самарқанди адабпарвар Нуруллоҳ Остон 10 сентябри соли 1955 ба дунё омадааст. Шароити оилавӣ ва дигар сабабҳои зиндагӣ имкон надод, ки баъди хатми мактаби миёна ба даргоҳи ягон муассисаи таълими олӣ ҳуҷҷат супорад ва донишҷӯ шавад. Нуруллоҳи он вақт ҷавонро чанд сол мактаби ҳаёт тарбия кард, бори рӯзгор кашид, дар кӯраҳои зиндагӣ обутоб ёфт. Ҳам кор мекард ва ҳам барои дохил шудан ба мактаби олӣ омодагӣ медид. Мехост рӯзноманигор шавад. Ниҳоят ба Тошканд омад ва роҳи Донишгоҳи давлатии Тошкандро, ки ба назараш боргоҳи бузурги маънавӣ метофт ва орзуи дар он таҳсил карданро дар қалб мепарварид, пеш гирифт. Ба нияташ расид – аз имтиҳоноти қабул сарбаландона гузашт. Ҳанӯз аз солҳои аввал дар қатори донишҷӯёни пешқадам ҷой гирифт. Баробари амиқ фаро гирифтани предметҳои таълимӣ барои навиштани хабару мақолаҳо дар мавзӯъҳои зинда вақт пайдо мекард. Ба идораи рӯзномаву маҷаллаҳо робитаро мустаҳкам намуд. Маҷаллаҳои «Гулхан» ва «Ғунча», рӯзномаи «Ленин учқуни» аввалин шеърҳои бачагонаашро дар саҳифаҳои худ ҷо доданд. Факултаи журналистикаи ДДТ-ро соли 1991 ба итмом расонд.

Як пояш дар Тошканд буду як пояш дар Самарқанд. Мешунид, ки «нони журналистӣ сахт». Ин ишорае буд ба мушкилиии пешаи рӯзноманигорӣ. Нуруллоҳ инро дар солҳои аввали фаъолияти мустақилонаи кориаш идрок мекард. Вале азму иродаи қавӣ, ки дошт, дар соатҳои бароящ душвор низ рӯҳафтода намешуд. Баръакс, аз он, ки журналистӣ барин пешаи пурмасъулият дар пешониаш будааст, фахр менамуд ва дил қавӣ медошт. Боз аз он сарбаланд буд, ки шеърҳои кӯдаконааш дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ муттасил рӯйи чоп мебинанд. Падидаҳои қаламиашро хурдсолон меписанданд. Дар давраҳои адабӣ чун шоири бачаҳо номашро ба забон мегиранд. Ба вохӯриҳо даъват менамоянд...

Соли 1985 аввалин дафтари шеърҳояш барои кӯдаконро нашриёти «Ёш гвардия» таҳти унвони «Шабе, ки ситораҳо дурахшиданд» аз чоп баровард. Баъди ду сол маҷмӯаи дигари шеърии ӯ «Чашма дар сари роҳ» ҷомаи табъ ба бар намуд. Нуруллоҳ солҳои баъдина боз сермаҳсултар эҷод кард.

Баробари идораҳои табъу нашри пойтахт нашриётҳои «Суғдиён» ва «Зарафшон»-и зодгоҳаш ба чопи дафтарҳои шеърии ӯ таваҷҷуҳ менигаронданд. Чунончи, соли 1997 маҷмӯааш «Дар роҳҳои қадим»-ро «Суғдиён» аз чоп бароварда бошад, «Зарафшон» китоби дигари шеърии «Осмони пур аз фаришта»-ро пешкаши доираи васеи хонандагон намуд. Шоир ба яке аз дафтарҳои тозаи шеъриаш «Фасли баҳор» («Зарафшон») ном ниҳод, ки дар чакидаҳои қаламаш асосан манзараҳои табиати нотакрори Самарқанд дар фасли баҳор тасвир карда шудаанд.

Зиёд шуда истодани талабот ба маҳсули хомаи ин шоири хушсалиқаро ба инобат гирифта, соли 2007 идораи табъу нашри «Шарқ» китоби нави шеърҳои бачагонаи ӯ «Гӯсолаи далер»-ро бо 10 ҳазор нусха аз чоп баровард. Нашриётҳои «Ӯзбекистон» ва «Адабиёт» дафтарҳои нисбатан мукаммалтари Нуруллоҳ Остон «Бачаҳои солим» ва «Оббозии моҳ»-ро ба алоқамандони соҳа, хусусан китобхонҳои наврас армуғон намуданд.

Соҳибҷашни мо ҳанӯз аз давраи мактабхониву донишҷӯӣ баробари адабиётҳои ӯзбек ва тоҷик ба адабиёти ҷаҳон рӯ меоварад. Дар баргардониши намунаҳо аз эҷоди шоирони номвари дунё, ки барои бачаҳо менависанд, низ хеле фаъол аст. Вай як қатор шеърҳои кӯдаконаи Майкл Розен, Агния Барто, Корней Чуковский, Яков Аким, Борис Заходер, Екатерина Серова, Ян Бхсэнва, Алфредо Валлини, Роберт Луис Стивенсон, Овсей Дриз, Огден Нэш, Уолтер де ла-Мар барин намояндагони адабиёти ҷаҳонро ба ӯзбекӣ баргардондааст. Масалҳои шоирони рус Сергей Михалков ва Иван Криловро низ тарҷума ва дар ҳоли китоб ба дӯстдорони адабиёт тақдим намудааст. Айни замон «Ба сайди хирс меравем» ном китоби шоири англис Майкл Розен дар баргардониши ӯ ба хурдсолони мо хеле писанд афтод.

Нуруллоҳ ба эҷодкорони тоҷик низ аз дер ҳамкорӣ дорад. Робитаи эҷодиаш, алалхусус, бо шоири номвари тоҷик Ҷӯра Ҳошимӣ, ки асосан барои бачаҳо менависад, самара мебахшад. Шоир сайъ мекунад эҳсосоти поки дунёи беғубори кӯдакиро дар сатрҳои кӯтоҳ, вале пурмазмун ба қалам оварад. Шӯхӣ ва ҳунарҳои ба бачагӣ хос, муносибати байниҳамдигарӣ ва муомилоти бачаҳои хурдсол ба калонсолон, ки ҷиҳатҳои ҷолиб доранд, дар қаламиҳои Нуруллоҳ ба таври мӯъҷаз ифода меёбанд. Ҳодисаҳое нақл карда мешаванд, ки бо аҷобат, таъсирнокӣ ё хандаоварӣ диққати калонсолонро низ ба худ мекашанд. Шоир аз истифодаи калимоти душворфаҳм парҳез мекунад. Баробари ин, дар навиштаҳои ӯ барои бачаҳо ба дурдонаи ҳарфҳое низ дучор меоем, ки классиконамон заргарона ва дар мавриди худ кор мефармуданд.

Адиби бачаҳо нафақат ба хонандагони хурдсол ғизои маънавӣ мебахшад, айни замон мураббӣ ва тарбиятгари онҳост. Аз ин ҷиҳат, фикр мекунем, Нуруллоҳ вазифаи пурмасъулияти дар зимма доштаашро то ҳадди имкон ба иҷро расонда ва дар рушди адабиёти кӯдак саҳм мегузорад.

Шоири бачаҳо дар пояи қарори Президент аз 14 августи соли 2017 бо унвони «Султон Ҷалолиддин. Шайх Кубро» достони таърихӣ эҷод кард. Бо мутолиаи он фарзандони хурдсоли мо аз таърихи пуршаъни халқи хеш хабардор мешаванд ва ба рӯзҳои саодатнишони фардо умед мебанданд. Асари нисбатан мукаммалтари шеърӣ дар мавзӯи таърихӣ насли ҷавонро дар рӯҳи эҳтиром ба арзишҳои маънавӣ ва миллӣ тарбия менамояд, ба васеътаршавии доираи тафаккур ва ҷаҳонбинии бачаҳову наврасон мусоидат мекунад.

Бачаҳо шоири худро дӯст медоранд. Хусусан дар вохӯрӣ ва суҳбатҳои адабӣ, чорабиниҳои тарғиботии маънавӣ бо иштирокаш шеърҳояшро аз забони ӯ бо диққат гӯш мекунанд, саволҳо медиҳанд, ба дунёи ботиниаш бештар ворид мегарданд. Дар чанд чорабиние, ки ҳамроҳ будем, ба ҳамин ва муҳаббати хонандагони хурдсол нисбати падидаҳои қаламии ӯ шахсан гувоҳ шудаам.

Фаъолияти Нуруллоҳ Остон ҳамчун журналист низ қобили таваҷҷуҳ. Вай чун мудири сектори кумитаи ҳизбии вилояти Самарқанд, мухбири таҳририяти «Ахборот»-и телевизиони Ӯзбекистон дар Самарқанд низ софдилона кор карда, ба эътибору эҳтироми ҷамоаи меҳнатӣ сазовор шудааст. Алҳол дар рӯзномаи «Халқ сӯзи» фаъолият нишон медиҳад. Дар тарбияи журналистони ҷавон саҳм гирифтанро низ вазифаи муҳими худ мешуморад.

**М.ШОДИЕВ.**

*Биё, хушдил нишин...*

# ҚАРОРИ ИЛҲОМБАХШ

Чанде пеш қарори Президент Шавкат Мирзиёев «Дар бораи тайёрӣ ва баргузор кардани ҷашни сию чаҳорумин солгарди истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» эълон гардид. Дар он қайд шудааст, ки «Истиқлоли миллии мо, ки 31-уми августи соли 1991 ба шарофати ирода ва қатъияти халқи ҷасурамон эълон гардида буд, бидуни шубҳа, дар шароити кунунии таърихӣ, ҳангоме ки тамоми ислоҳоти мо дар роҳи бунёди Ӯзбекистони Нав ба давраи ҳалкунанда ворид мегарданд, аҳамияти бағоят муҳим касб менамояд.

Маҳз Истиқлол, ки дар худ тамоми кафолатҳои сиёсиву ҳуқуқиро таҷассум намудааст, ба сифати такягоҳи мустаҳкам дар ҷомеа татбиқсозии Стратегияи «Ӯзбекистон-2030», мустаҳкам намудани муҳити сулҳу салоҳ, дӯстӣ ва ҳамдилӣ, таъмини ҳуқуқ ва манфиат, шаъну шарафи инсон, рушди минбаъдаи робитаҳои некҳамсоягӣ дар минтақа, ҳамкории фаъол бо кишварҳои ҷаҳон, боло бурдани нуфузи Ватани мо дар миқёси байналхалқӣ хидмат мекунад».

Боиси хушнудист, ки қарори мазкур на танҳо роҳнамои чорабиниҳои асосии мо, сазоворона ва дар сатҳи олӣ таҷлил намудани санаи пуршарафи 34-умин солгарди истиқлоли миллист, балки боз дарки моҳияту мазмун ва мундариҷаи иди аз ҳама бузург ва аз ҳама азиз аст.



### Самарқанд Сайқали рӯйи замин аст

Дар таърифу ситоиши Самарқанд, ки гузаштааш шуҳратёр, имрӯзаш саодатманд аст, дар асру замонҳои гуногун аз ҷониби шоирону нависандагон, сайёҳону сафирон мадҳия, гузориш ва асарҳои зиёд офарида шудаанд.

Одамушшуаро Рӯдакии Самарқандӣ байте дорад:

*Зебо бувад ар Марв,*
*бинозад ба Кисоӣ,*
*Чунонки ҷаҳон ҷумла ба*
*устоди Самарқанд.*

Дар китоби «Таронаҳои Самарқанд», ки намунаҳои назми шифоҳии мардуми шаҳри бостониро дар бар гирифта, таҳиягари он Баҳром Шермуҳаммадов аст, чунин мисраъҳо ҳастанд:

*Биё, хушдил нишин,*
*ҷӯши баҳорон дар*
*Самарқанд аст,*
*Гуландому суманбӯ,*
*лоларӯён дар*
*Самарқанд аст.*

Устод Садриддин Айнӣ дар ситоиши ин шаҳри бостонӣ гуфтаанд:

*Ҳаббазо, шаҳри*
*Самарқанд биҳиште*
*тимсол,*
*Ҷуз биҳишташ ба*
*таровaт натавон ёфт*
*мисол.*
*Зарнисор аст заминаш*
*чу кафи аҳли карам,*
*Файзбор аст ҳавояш*
*чу дили аҳли камол.*

### Ҳама роҳ ба Самарқанд меоварад

Ҳама медонанд, ки таъбири «Ҳама роҳҳо ба Рим мебаранд» ҳаст. Аммо пас аз он ки бо ташаббуси сарвари давлатамон Самарқанд маркази сайёҳӣ эълон шуд, он ба тарзи зерин тағйир ёфт: «Ҳама роҳҳо ба Самарқанд мебаранд».

Соли 2019 роҳбари давлат ба Самарқанд ташриф фармуда, ба меъморону лоиҳакашҳо супориш дод, ки «Дарвозаи ҳавоӣ»-и шаҳри бостонӣ мувофиқи меъёрҳои байналхалқӣ аз нав сохта шавад. Бо таклифи Президент аэропорти нав дар шакли мунаҷҷим «Зиҷи Кӯрагонӣ»-и Мирзо Улуғбек бунёд гардид. Баландии бино 25 ва бараш 175 метр буда, терминали замонавӣ, роҳи фуруду парвози ҳавопаймо ва 24 қароргоҳ дорад.

Қаблан аэропорт ба 400 нафар мусофир хидмат мекард, ҳоло ин рақам ду баробар афзудааст. Он соли 2024 ба 1,40 миллион нафар мусофир хизмат расонд, ки нисбат ба соли 2023-юм 37 дарсад зиёд мебошад. Аз Самарқанд самолётҳои гуногунтамға ба қитъаҳои Осиё, Аврупо, Африқо ва ғайра парвоз мекунанд.

**(Давомаш дар саҳ.4).**



# ШОМИ «НАЗМ ВА НАВО»

***Дар вилояти Навоӣ соли 2025 «Соли Алишери Навоӣ» эълон шудааст. Ба ин муносибат давоми сол дар муассисаҳои таълимӣ, ташкилоту муассисаҳо тадбирҳо мунтазам доир мегарданд. Мероси гаронбаҳо ва фаъолияти сиёсии асосгузори адабиёти мумтози ӯзбек байни мардум ҳамчун як манбаи сабақи зиндагӣ талқин мегардад.***

Чорабинии навбатӣ дар Хонаи маърифат ва маданияти шаҳри Навоӣ бахшида ба 34-солагии Истиқлоли давлатӣ ва Соли Алишери Навоӣ баргузор гардид. Ин барномаи фарҳангӣ таҳти шиори «Барои Ватан, барои миллат, барои халқ!» доир гардид.

Дар доираи ин ҷашнвора толибилмони мактабҳои шаҳри Навоӣ ва намояндагони корхонаву муассисаҳо дар бозии зеҳнии «Заковат», озмуни санъати тасвирии «Симои Алишер Навоӣ ва ҷилои Ватан» ва озмуни қироати шеър қувваозмоӣ карданд.

Дар озмун хонандагони мактаб ва эҷодкорон аз ашъори Алишер Навоӣ ва эҷодиёти худ шеърҳо қироат намуданд.

Номинаи озмуни санъати тасвирӣ боз ҳам ҷолибтар буд. Шогирдони рассоми шинохтаи вилояти Навоӣ Шоҳрух Суюнов симои Мир Алишер Навоиро бе мӯқалам, бо ангуштон рӯйи коғаз тасвир карданд.

Ҷашнвора ба ҳозирин таассуроти хуб боқӣ гузошт.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# БА ИСТИҚБОЛИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

***Истиқлоли давлатӣ ва ислоҳотиояндасоз шароит ва имкониятҳо фароҳан овардааст, ки дар ҳар як гӯшаи ҷумҳуриамон бунёдкориву созандагӣ ба назар мерасад. Созандагиву бунёдкориҳо имконият фароҳам меоваранд, ки аҳолӣ бо шуғли доимӣ фаро гирифта шуда, зиндагии мардум рӯз то рӯз фаровон мегардад.***

Лоиҳа омода аст, ки дар Нурато 2 корхонаи истеҳсолкунандаи санги мармар бунёд мегардад. Барои бунёди ин корхонаҳо 200 миллион доллар сармоя ворид гардида, 560 ҷойи корӣ тайёр мешавад. Соле маҳсулоти тайёрро ба миқдори 40 миллион доллари амрикоӣ экспорт мекунанд.

Ноҳияҳои Конимех, Томдӣ ва Учқудуқ ба чорвопарварӣ тахассусонида шудаанд. Дар ҳудуди номбурда 3 миллион гектар чарогоҳҳо мавҷуд буда, аз сабаби беобӣ мавриди истифода қарор надошт. Ин мушкил роҳи ҳаллу фасли худро пайдо намудааст. Дар нақша аст, ки дар ҳар 5 гектар замин яктогӣ, ҷамъ 660 дона чоҳи артезианӣ кофта мешавад. Ҳамчунин бо сармояи соҳибкорони Чин растании ба беобӣ тобовари «Ning tiao» кишт карда, ба рушди чорвопарварӣ имконият муҳайё мекунанд.

Бо мақсади ривоҷ додани чорвопарварӣ аз Муғулистон ба ноҳияҳои Томдӣ, Учқудуқ, Конимех, Нурато 8 ҳазор, ба ноҳияҳои Қизилтепа, Навбаҳор, Хатирчӣ ва Кармана 4,5 ҳазор, ҷамъ 50 ҳазор сар гӯсфанд оварда мешавад. Ин аст қадами нав ба барҳам додани камбизоатӣ ва бо шуғли доимӣ таъмин намудани аҳолӣ.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

*Ақли солим – дар тани солим*

# ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ: ЗАМИНА БАРОИ ФАРДОИ ДУРАХШОН

***Дар ҷаҳони пуртазоди муосир, ки ҳар рӯз бо суръати баланд тағйир меёбад, масъалаи нигоҳ доштани саломатӣ ва пешбурди тарзи ҳаёти солим аҳамияти аввалиндараҷа пайдо кардааст. Саломатӣ неъмати олии ҷудонопазири инсон аст, хусусан, ба воя расонидани насли солим дар пешравии давлат нақши муҳим дорад.***

Тарзи ҳаёти солим ҷузъи муҳими ҳаёти ҳар як шахс аст, ҳар кас ин мафҳумро ба таври худ мефаҳмад. Кайфияти баланд, некӯаҳволӣ ва фаъолияти бомуваффақияти инсон бешубҳа аз саломатии ӯ вобаста аст. Хусусан, барои ҷавонон – насли фардои миллат тарзи ҳаёти солим на танҳо кафили саломатии ҷисмонӣ, балки заминаи комёбӣ, хушбахтӣ ва рушди ҳамаҷониба мебошад.

Тарзи ҳаёти солим дар ҳаёти ҷавонон нақши калидӣ дошта, ба некӯаҳволии ҷисмонӣ, руҳӣ ва иҷтимоии онҳо таъсир мерасонад. Ҷавононе, ки тарзи ҳаёти солимро пеш мебаранд, эҳтимоли зиёд дар донишандӯзӣ, мутобиқшавӣ дар ҷомеа беҳтар ва ба одатҳои бад камтар гирифтор мешаванд.

Солҳои ҷавонӣ барои ҳаёти минбаъдаи инсон муҳиманд. Фаҳмидани он муҳим аст, ки тарзи ҳаёти солим на танҳо маҷмӯи қоидаҳо, балки интихоби бошууронаест, ки ба сифати зиндагӣ ва ояндаи насли наврас таъсир мерасонад.

Мутаассифона, имрӯзҳо ҷавонон бо таҳдидҳои гуногун рӯбарӯянд, ки ба тарзи ҳаёти солими онҳо таъсир мерасонанд. Зиндагии муосири пур аз стресс, технологияи рақамӣ ва камҳаракатӣ ҳаёти ҷавононро зери хатар гузоштааст. Хӯрокҳои тезтайёр ва фастфуд, ки дар таркибашон намак, равған ва қанд зиёданд, ба вазни барзиёд ва бемориҳои дилу раг замина мегзоранд.

Ҳаёти солим на танҳо дар бадан, балки дар майна оғоз меёбад. Ҳисси изтироб, танҳоӣ, ҳолати ноустувори равонӣ-эмотсионалӣ, риоя накардани режими меҳнат ва истироҳат дар байни ҷавонон хеле паҳн шудааст. Баъзан ҷавонон барои аз ин ҳолат сабук баромадан ба шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҳатто маводи мухаддир рӯ меоранд, ки ин роҳи ҳал нест.

Давраи муҳимтарини ҳаёти наврасӣ, ҷавонӣ, яъне синну соли ташаккули шахсият ва ташаккули «ман» мебошад, ки одатҳои асосӣ, арзишҳо, равандҳо, шаклҳои рафтор ва аз ҳама муҳимтараш пояи саломатӣ гузошта мешавад. Маҳз дар ҳамин давра воқеаҳои муҳимтарини ҳаёти ҳар як шахс ба вуқӯъ мепайвандад: таҳсил, интихоби касб, оиладор шудан. Ҳамаи ин бо саломатии заиф ва бад имконнопазир аст.

Ҷанбаҳои асосии тарзи ҳаёти солим барои ҷавонон – машқҳои мунтазам, бозиҳои фаъоли берунӣ, парҳези мутавозин, ки аз витаминҳо ва микроэлементҳо бой аст, бо маҳдуди фастфуд ва нӯшокиҳои ширин, нигоҳ доштани режими хоб ва истироҳат, даст кашидан аз одатҳои бад, гигиенаи шахсӣ, солимии равонӣ ва огоҳии экологӣ мебошад.

Ҷавонон бояд на танҳо тарзи ҳаёти солимро риоя кунанд, балки аз таблиғгарони пешсаф бошанд. Онҳо метавонанд дар чорабинҳои варзишӣ ва иҷтимоӣ фаъол иштирок кунанд. Бо рафтори худ намунаи ибрат бошанд.

Ҳамин тариқ, мо тавассути ташаккул додани одатҳои пайравӣ ба тарзи ҳаёти солим дар ҷавонон, на танҳо саломатии онҳоро мустаҳкам мегардонем, балки ба амалӣ намудани тамоми ниятҳои некашон мусоидат мекунем. Зеро баробари солим шудани ҷисми насли наврас, ақлу тафаккураш тозатар мешавад, яъне насли аз ҷиҳати маънавӣ бой ва аз ҷиҳати ҷисмонӣ қавӣ ба воя мерасад.

Саломатии фарзандони мо арзиши аз ҳама муҳим аст ва вазифаи асосии мо ҳифзу таҳкими он. Танҳо миллати солим метавонад иқтидори кишварро таҳким ва инкишоф диҳад. Тарзи ҳаёти солим асоси тамоми дастовардҳо, гарави муваффақият ва дарозумрӣ мебошад.

**М. МАМАҶОНОВА.**




# ПЛАНШЕТҲОИ ЗАМОНАВӢ БАРОИ БОҒЧА

***Вазорати таълими томактабӣ ва мактабии ҷумҳурӣ бо мақсади онлайн бақайдгирии тарбиягирандагони муассисаҳои таълими томактабии давлатӣ бобати бо планшетҳои замонавӣ таъмин намудани онҳо қарор қабул кардааст.***

Бинобар ин ба вилояти Бухоро 547 планшети пешбинишуда омада расидааст. Бо мақсади дастрасгардонии ин дастгоҳҳои технологӣ корвони махсус сӯйи муассисаҳои томактабии давлатӣ, автобусҳои «Ақлвой» ва марказҳои рушдёбӣ раҳсипор гардид. Бояд таъкид намуд, ки ин планшетҳо кори тарбиячиёнро осон карда, имкониятҳои дар ҷараёни таълиму тарбия ҷорӣ намудани технологияҳои рақамнокро васеътар ва аз ахбори технологӣ бармаҳал огоҳ гардидани наврасонро таъмин намояд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# ҚАРОРИ ИЛҲОМБАХШ

(Аввалаш дар саҳ.3).



Истгоҳи роҳи оҳани Самарқанд низ баъди таъмиру тармим намуди зебо гирифт. Аксари сайёҳону меҳмонон бо поезд меоянду мераванд. На танҳо дар маркази шаҳр, инчунин дар маҷмӯаи «Шаҳри абадӣ» 8 меҳмонхонаи замонавӣ, конгресс-холл, ресторану ошхонаҳо, устохонаҳои кулолӣ, заргарӣ, гилембофӣ, коғазбарорӣ, дуредгарӣ, гаҷкорӣ дар хизмати меҳмонону мизбонон мебошанд. Аз соли 2022 дар конгресс-холл анҷуманҳои бонуфузи байналхалқӣ баргузор мешаванд, аз ҷумла соли равон дар ин ҷо иҷлосияи 43-юми Ассамблеяи генералии ЮНЕСКО баргузор хоҳад шуд.

### Нигоҳе ба таърих

Алҳол аъзои экспедитсияи муштараки байналхалқии Ӯзбекистон – Фаронса бозёфтҳои харобаҳои Кӯктеппа ва Афросиёбро таҳлил намуда, ба хулоса омадаанд, ки синни Самарқанд аз се ҳазор сол кам нест.

– Дар оғози соли равон бо қарори Шӯрои намояндагони халқи вилоят дар ёдгории Афросиёб ва арки Амир Темур бо истифода аз усулҳои нави тадқиқотӣ корҳои кофтуковии археологӣ оғоз ёфтанд, – гуфт директори Пажӯҳишгоҳи археологии Самарқанд М.Саидов. – Дар натиҷаи тадқиқот аз чуқурии ҳафт метр сохтори мураккаби мудофиавии ба асрҳои VII-IV-и пеш аз милод дахлдор пайдо шуд, онро омӯхта ба хулоса омадаанд, ки се ҳазор сол қабл аз ин ҳам дар ин ҷо суғдҳо зиндагӣ кардаанд. Чанде пеш иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Самарқанд Адиз Бобоев, ки дар асоси фармудаи сарвари давлат барои мустаҳкам кардани риштаҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ ба кишварҳои хориҷӣ азми сафар кард, дар шаҳри Париж дар иҷлосияи навбатии 47-уми кумитаи мероси Умумҷаҳонии ЮНЕСКО ширкат варзид. Дар ҷамъомади кумита маълумоти роҳбари вилоят «Дар бораи ҳолати ҳифзи иншооти таърихӣ зери шиори «Самарқанд – чорраҳаи маданиятҳо» баррасӣ гардид. Иштирокчиёни анҷуман ба корҳое, ки таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев дар Ӯзбекистони Нав роҷеъ ба ҳифзи мероси таърихӣ амалӣ мешаванд, баҳои баланд доданд.

### Кумаки беғаразона

Соли гузашта Бонки тараққиёти Абу-Дабӣ барои таъмиру тармим ва ҳаракати нақлиёту пиёдагардҳо дар кӯчаҳои Самарқанд 300 миллион доллар вом ҷудо карда буд. Дар натиҷа дар чорраҳаи Гагарин ва Мирзо Улуғбек нақби дарозиаш 440 ва бараш 44 метр кушода шуд. Ҳоло бунёди чунин нақб дар чорраҳаи Гагарин – Рӯдакӣ идома дорад. Соли 2022 дар чорраҳаи Бӯстонсарой ва Рӯдакӣ низ чунин иншоот сохта шуда буд, ки ба самарқандиён як олам хурсандӣ овард.

Сарвари давлат ҳар гоҳ ба Самарқанд ташриф оварад, албатта маҷмӯаи Имом Бухориро зиёрат мекунад ва бо корҳои ободонии ин ҷо аз наздик шинос мешавад. Боиси хушнудист, ки бо ташаббус ва маслиҳати Президент дар 600 метри мураббаъ масоҳати корҳои сохтмон дар авҷ аст. Баландии мақбараи Имом Бухорӣ 28 метр хоҳад шуд. Бунёди масҷиди ҷомеъ барои 10 ҳазор нафар намозхон, манораи баландиаш 75 метр, гулгашту хиёбонҳои истироҳатӣ, меҳмонхона, хонаҳои истиқоматӣ, дуконҳои савдо, роҳҳои равону васеъ ба ҳама хурсандӣ меоварад.

Имрӯзҳо ба муносибати ҷашни сию чаҳорумин солгарди Истиқлоли давлатӣ дар 14 ноҳия, 2 шаҳр, 1901 деҳа ва 1126 маҳаллаи вилоят корҳои ободонӣ ва сохтмони иншоотҳои гуногун дар авҷ буда, 4,5 миллион аҳолии сермиллати Самарқанд ҳамчун фарзандони як оила дӯсту меҳрубон, бо ғайрату шуҷоат зери шиори «Барои Ватан, барои миллат, барои халқ!» арақи ҷабин мерезанд.

### Ба Ургут поезд меояд

Ноҳияи мазкур дар вилоят нуфузу эътибори хоса дорад. Дар он 600 ҳазор аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Дар ин ҷо заминҳои обёришаванда ниҳоят каманд.

Шояд аз ҳамин сабаб соли 2017 бо фармони сарвари давлат Ургут ба Минтақаи озоди иқтисодӣ табдил ёфт. Дар муддати кӯтоҳ лоиҳаи инвеститсияи бо арзиши беш аз 400 миллион доллар амалӣ гашт. Қариб 5 ҳазор нафар бо кори доимӣ ва фоидабахш таъмин шудаанд. Имрӯзҳо дар ин минтақа истеҳсоли маҳсулоти чарму пойафзол, қолину воситаҳои электрикӣ, хуллас беш аз 200 маҳсулоти зарурӣ ба фурӯш бароварда мешавад, ки як қисми он содир мешавад.

### Мактаби маҳорати соҳибкорону боғбонон

Дар ноҳияи Самарқанд анҷумани кишоварзони ҷумҳурӣ баргузор гардид. Ба он аз тамоми гӯшаву канори мамлакат соҳибкорону боғбонон ташриф фармуданд. Зеро дар ноҳия мактаби кишоварзӣ амал мекунад. Деҳқонон аз замин 2-3 маротиба ҳосил гирифта, бозорҳои Самарқанд, ҳатто Маскаву Санкт-Петербургро бо кабудӣ ва дигар гуна маҳсулоти обчакорӣ таъмин мекунанд.

– Мардуми мо ниҳоят меҳнатдӯстанд, – гуфт ҳокими ноҳия Сироҷиддин Усмонов. – Дар маҳаллаҳои Қамчинон, Деҳнав, Навобод, Гулобод, Меҳробод ва ғайра аз ҳар як ваҷаб замин пурсамар истифода мебаранд.

Боз як навид он аст, ки дар деҳаҳои хушҳавои Оқбурё, Оҳалик, Миронқул бунёди истироҳатгоҳҳо барои самарқандиён ва меҳмонони хориҷӣ идома доранд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

Варзиш

# ЧЕМПИОНАТ БОШИДДАТ ГУЗАШТ

Мувофиқи нақшаи тақвимии чорабиниҳои варзиши оммавӣ дар ноҳияи Учқӯрғон чемпионати Ӯзбекистон оид ба картинг баргузор гардид. Қобили зикр аст, ки дар мусобиқа ба ҷуз варзишгарони ватанӣ намояндагони Русия ва Қирғизистон низ иштирок карданд.

Мусобиқа пуршиддату ба баҳсу мунозира бой гузашт. Хурсандиовар аст, ки дар байни варзишгарон духтарон низ ширкат доштанд.

Аз рӯйи ҷамъбасти чемпионат варзишгарони шаҳри Тошканд, вилояти Намангон ва вилояти Тошканд дар байни ҷавонон ҷойи 1-ум, дар байни калонсолон ҷойи 2-юм ва 3-юмро гирифтанд. Варзишгарони вилоятҳои Тошканд ва Бухоро дар байни калонсолон ҷойи 1-умро гирифтанд.

Дар маросими ҷоизасупорӣ директори генералии Маркази ҷумҳуриявии ташкилоти «Ватанпарвар» А. Қурбонниёзов, раиси шӯрои вилоятии «Ватанпарвар» А.Аълохӯҷаев ва собиқадорони варзиш иштирок доштанд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

# КИТОБ БЕҲ АЗ ЯК ХАЗИНАИ БУЗУРГ

***Солҳои охир таҳти сиёсати оқилонаи сарвари давлат дар кишварамон ба китобхониву нашри китоб эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Боиси хушнудист, ки алҳол шумораи эҷодкорони ҷавон меафзоянд.***

Дар маркази матбуоти миллӣ тақдимоти асарҳои аъзои Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон Рахшона Аҳмадова романи «Субҳидам» ва тарҷумаи китоби адиби корейс Шин Кёнг Сук «Модарамро эҳтиёт кун» баргузор гардид. Дар чорабинии мазкур адибон, роҳбарони нашриёт, адабиётшиносон ва ходимони ВАО иштирок доштанд.

– Муаллиф услуби ба худ хосро доро мебошад, қаҳрамонҳои ӯ ҳамзамони давр мебошанд, – мегӯяд шоира Наргиза Асадова. – «Дард»-и муаллиф қисмати талхи занон мебошад. Романи «Субҳидам» касро ба ҳушёрӣ, бо орзуву мақсадҳои нек зиндагӣ кардан даъват мекунад.Муаллиф мекӯшад, ки иллатҳои ба тараққиёти ҷамъият халалрасон, ба монанди бесаводӣ, ноомадиҳои мардикорӣ, завол дидани ҳиссиёти муқаддасу зебоӣ, фоҷеаҳои роҳгумшудагон бартараф гарданд. Зеро мафкураи паст ба ночориву нодорӣ мебарад ва дар натиҷа аксари ҷавонон аламми ноомадии худро аз бонувонашон дониста, онҳоро озор медиҳанд.

– Аз ин пеш китобҳои «Орзу ва баҳр», «Зери соябон», «Изҳори ноаёни ишқ», «Ишқи ман, дӯстдоштаи ман»-и Рахшона рӯйи чопро дидаанд, – таъкид намуд аъзои Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон Лазиз Раҳматов. – Тарҷумаи романи «Модарамро эҳтиёт кун»-и адиби корейс Шин Кёнг Сук низ аввалин тарҷумаи Р. Аҳмадова набуда, ӯ пештар асарҳои нависандагони корей Хан Бия ( «Дунёро севуним маротиб давр зада»), ҳикояи машҳури Хванг Сун Вон ( «Ҷала»)-ро ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст.

– Таъкид намудан ҷоиз аст, ки Рахшона Аҳмадова соли 1987 дар деҳаи Кайқубоди вилояти Фарғона дида ба дунё кушода, дар Донишгоҳи забони хориҷии Пусани Куриёи Ҷанубӣ ва факултаи журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ӯзбекистон таҳсил гирифтааст.

Рахшона дар озмуни «Об неъмати бебаҳост», ки аз ҷониби Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон ташкил шуда буд, бо ҳикояҳои худ иштирок карда, ғолибиро ба даст даровардааст.

**Г. КАБИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Дар яке аз қисмҳои ҳарбӣ, воқеъ дар шаҳри Чирчиқ, тахти шиори «Барои Ватан зиндагӣ кунем!», ки дар худ ғояи «Барои Ватан, барои миллат, барои халқ»-ро таҷассум мекунад, чорабинии маънавиву маърифатӣ баргузор гардид.***

# ЧОРАБИНИИ МАЪНАВИВУ МАЪРИФАТӢ ДАР ҚИСМИ ҲАРБӢ

Дар он аъзои Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон, намояндагони Шӯрои ҷумҳуриявии тарғибгарони маърифат, роҳбарияти Ассотсиатсияи муассисаҳои ғайридавлатии таълимӣ, намояндагони Шӯрои вилояти Тошканди Иттифоқи ҷавонони Ӯзбекистон, фаъолон, ғолибони мусобиқаҳои байналмилалии бокс ва хизматчиёни ҳарбии даъвати ҳатмӣ ширкат варзиданд.

Дар оғоз, тарғибгарони маънавият таъкид намуданд, ки истиқлолият неъмати бебаҳои халқи мо ва рамзи муқаддаси худшиносии миллӣ мебошад. Зикр гардид, ки ҳифзи сулҳу осоиштагии Ватан вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди кишвар, бахусус хизматчиёни ҳарбӣ аст.

Қудрати маънавият бо он шарҳ дода шуд, ки он ҳатто дар санҷишҳои душвортарин инсонро аз роҳи дуруст берун намекунад, ба ӯ қуввату ғайрат ва қатъият мебахшад. Дар рафти чорабинӣ ба бедор намудани муҳаббат ба маърифат ва маънавият дар дилҳои насли ҷавон ва тарбия намудани онҳо дар рӯҳияи эҳтиром ба арзишҳои миллӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Дар доираи шаби маърифатӣ, аз ҷониби равоншиносони таҷрибадор бо хизматчиёни ҳарбӣ машғулиятҳои амалӣ оид ба таҳкими ҳолати рӯҳӣ гузаронида ванд. Дар ин тренингҳо ҳарбиён бо механизмҳои равонии эътимод ба ҳамдигар, мувофиқати гурӯҳӣ, идоракунии стресс ва қабули қарор шинос шуданд.

Ин машғулиятҳо на танҳо устувории рӯҳии хизматчиёни ҳарбиро афзуданд, балки дар ташаккули шуури иҷтимоии онҳо низ саҳм гузоштанд. Дар бахши бадеӣ қувваи маънавии санъат ва адабиёт бори дигар таҷассум ёфт. Фаъолони Иттифоқи ҷавонон саҳнаро оид ба ҳаёти намояндаи барҷастаи ҳаракати ҷадидӣ Абдулҳамид Чулпон намоиш доданд, ки дар тамошобинон таассуроти бузург боқӣ гузошт.

Монологи «Ба модарам», ки аз ҷониби хизматчиёни ҳарбӣ иҷро гардид, бори дигар дар қалби ҳар кас ҳисси муҳаббат ба модар, арзишҳои оилавӣ ва Ватанро бедор намуд. Ҳамчунин, асари бадеӣ-публитсистии «Фарзанднома»-и нависанда, узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Обиддин Маҳмудов ба таври тантанавӣ ба китобхонаи қисми ҳарбӣ тақдим карда шуд.

Дар анҷоми чорабинӣ меҳмонон аз ҷониби ташкилкунандагон бо тухфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.

**Абдулазиз МУСОЕВ,**
**мухбири ЎзА.**

# ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ АЗ НИГОҲИ ЖУРНАЛИСТОНИ АКСБАРДОР

***Дар Андиҷон таҳти шиори «Барои Ватан, барои миллат, барои халқ!» дар мавзӯи «Ӯзбекистони Нав аз нигоҳи журналистони аксбардор», ки ба 34-умин солгарди истиқлолияти кишвари мо бахшида шудааст, намоиши суратҳо баргузор гардид.***



Дар ин намоишгоҳ, ки бо ташаббуси шуъбаи вилоятии Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон ташкил гардид, тақрибан 10 нафар асарҳои эҷодии худро ба маърази тамошо гузоштанд.

Дар маросими кушоиши чорабинӣ раиси шуъбаи вилоятии Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон Махпурахон Ортиқова ба сухан баромад, журналистони машҳури аксбардор Хурсандбек Арабдбоев, Тӯрахон Ғафуров ва дигарон изҳор доштанд, ки дар аксҳо пешниҳод намудани ҷараёни ташаккули Ӯзбекистони Нав барояшон ифтихор ва ҳамзамон вазифаи масъул ба шумор меравад.

Таъкид гардид, ки дар ин бобат журналистони аксбардор, ки ҳам дар расонаҳои ахбории оммавӣ ва ҳам дар хидматҳои матбуотӣ, ҳамчунин онҳое, ки баъди ба нафақа баромадан низ бобати равшан кардани тағйироти ҳаррӯза фаъолона кор мекунанд, нақши махсус доранд.



Дар намоишгоҳ анқариб 200 аксе, ки ҷиҳатҳои мухталифи ҳаёти кишвари мо, аз ҷумла иншооти бузурги инфрасохторӣ, симои қаҳрамонони даврони мо, ҳодисаҳои нодири иҷтимоӣ ва манзараҳои назарраборо инъикос мекунанд, пешниҳод гардиданд.

– Акс ин таърихест, ки дар коғаз инъикос ёфтааст, – мегӯяд иштирокдори намоишгоҳ Хурсандбек Араббоев. – Тайёр кардани аксҳое, ки ҷараёни истиқрори Ӯзбекистони Навро инъикос мекунанд, аз муаллифи он масъулияти баланд, маҳорат ва ҳунари касбиро тақозо доранд. Бовар дорам, ки асарҳои ҳамкорони ман дар тавзеҳи рӯҳи замони нав кумак мерасонад.

Намоиши суратҳо ба тарғибу ташвиқи васеи тағйироти мусбат, ҳамчунин дар дили ҳамзамонон, бахусус ҷавонон мустаҳкам гардидани эҳсоси муҳаббат ба Ватан, шукргузорӣ аз ҳаёти орому фаровон хидмат хоҳад кард.

**Фахриддин УБАЙДУЛЛОЕВ,**
**хабарнигори ЎзА.**
**Суратгир:**
**З. УМУРЗОҚОВ (ЎзА).**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-828.
Адади нашр 3701. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 20.20

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337; Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.